# ДАР ДОНИШГОҲИ МО ОРЗУҲОИ ШУМО АМАЛӢ МЕШАВАНД


Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст!
Носири Хусрав

# Фурӯғ



*Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав*

6 феврали соли 2026. № 3 (589) Почтаи электронӣ: furugh2000@mail.ru


**Сухани рӯз**

**Илму дониш аз замонҳои қадим то имрӯз неруи асосӣ ва воситаи пешбарандаи ҳар ҷомеа ба шумор меравад ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои илмомӯзии наврасону ҷавонон вазифаи муҳим аст.**

*Эмомалӣ РАҲМОН*




# БОРГОҲИ ИЛМУ МАЪРИФАТ


ҚУРБОНЗОДА Маҳмадалӣ Раҳмат,
ректори Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав", профессор


***Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки рӯзи 25 декабри соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба вилояти Хатлон ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ташриф оварда, биноu хобгоҳи донишҷӯёнро ифтитоҳ намуданд.***

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз шароити хобгоҳ ба сифати корҳои сохтмонӣ, сатҳи таҷҳизот ва омодагии иншоот баҳои баланд дода, таъкид намуданд, ки Ҳукумати кишвар ба рушди соҳаи маориф ва фароҳам овардани шароити арзандаи таҳсилу зиндагӣ барои ҷавонон таваҷҷуҳи хос медиҳад.

Ҳамзамон, Сарвари давлат бо донишҷӯён суҳбати самимӣ анҷом дода, бо назардошти зиёд будани ниёз ба кадрҳои баландихтисос онҳоро ба омӯзиши амиқи илму технологияи муосир, риояи интизом, пайваста такмил додани малакаи касбӣ ва дар оянда хизмат намудан ба нафъи ҷомеа ҳидоят карданд.

Роҳбарият, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои таваҷҷуҳ ва дастгирии пайвастаи Пешвои миллат изҳори сипосу миннатдорӣ намуда, хобгоҳи навро туҳфаи арзанда ва заминаи мусоид барои таҳсилу зиндагии ҷавонон арзёбӣ карданд.

Бояд ёдовар шуд, ки Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи афзалиятнок – маориф диққати аввалиндараҷа дода, пеш аз ҳама, ба ин соҳа маблағи зарурӣ ҷудо намуданро таъкид менамоянд ва таъкид медоранд, ки роҳбарони ин муассисаҳоро зарур аст меъёрҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшударо пурра татбиқ намоянд ва доир ба масъалаи омӯзиши технологияҳои инноватсионӣ, ворид намудани таҷҳизоти ҳозиразамон ва ба ин васила, самаранок гардонидани сифати таълим тадбирҳои ҷиддӣ андешида, ба забономӯзии донишҷӯён, махсусан забонҳои русию англисӣ, таъминот бо мутахассисони дорои малакаи хуби корӣ ва ҷавобгӯи бозори меҳнат диққати махсус диҳанд.

Фаъолияти назарраси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тӯли мавҷудияташ дар тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси омӯзгорӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ барои касе пӯшида нест. Донишгоҳ санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону ҳидоятҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, қарору фармонҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, Барномаҳои дурнамои ҳукумативу Вазорати маориф ва илмро оид ба илму маориф дастурамали кори худ қарор дода, дар татбиқи амалии онҳо дар қатори дигар таълимгоҳҳои олии номдори кишвар ҳиссаи сазовори худро гузошта истодааст. Бояд тазаккур дод, ки мувофиқи раддабандии Агентии давлатии назорат дар соҳаи маориф донишгоҳ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли 2025 ба даҳгонаи аввали мактабҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ шомил гардид.


*(Давомаш дар саҳ. 2)*


**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

# ДАЪВАТНОМА



**Довталаби арҷманд!**

**Агар хоҳед, ки дар оянда мутахассиси арзандаи касби дӯстдоштаи хеш гашта, дар ҷомеа мавқеи шоистаро сазовор гардед, Шуморо барои таҳсил ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав даъват менамоем. Дар донишгоҳи мо тамоми шароиту имкониятҳо барои таълиму тадрис фароҳам оварда шуда, ба донишҷӯён олимони варзида аз рӯйи ихтисосҳо машғулият мегузаранд.**

**РАМЗИ МО**
**дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**112**

**Довталаб-2026**

## ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!

**Агар Шумо Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро интихоб карданӣ бошед, пас чунин амалҳоро бояд анҷом бидиҳед:**

**Ба сомонаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.htc.ti ворид шуда, рамзи донишгоҳро, ки 112 мебошад, интихоб намоед;**

**Ихтисосҳои донишгоҳ дар панҷ гурӯҳи ихтисосҳо (кластерҳо) ҷойгир шудаанд;**

**Аз кластери якум 28 ихтисос, аз кластери дуюм 23 ихтисос, аз кластери сеюм 27 ихтисос, аз кластери чорум 14 ихтисос ва аз кластери панҷум 12 ихтисосро метавонед интихоб намоед.**

**Умедворем, ки Шумо дар интихоби донишгоҳи мо хато намекунед.**

## ҒОЛИБОНИ ДАВРИ НИҲОИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ИЛМ - ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ"-2025



# БОРГОҲИ ИЛМУ МАЪРИФАТ



*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

Айни замон ҳадафи асосии донишгоҳ ин таъмини сифати таълиму тарбияи мутахассисони рақобатпазири самтҳои омӯзгорӣ, иқтисодиву соҳибкорӣ аз дараҷаи бакалавр то доктори илм, тадриҷан воридшавӣ ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот тавассути татбиқи пурраи низоми таҳсилоти кредитӣ, корбасти тарзу усулҳои фаъол ва пешқадами таълим мебошад.

Бо ин мақсад, ҳоло дар 14 факултети донишгоҳ 680 нафар омӯзгор, аз ҷумла 2 нафар академик, 24 нафар доктори илм, профессорон, 213 нафар номзадҳои илм ва 441 нафар ассистент барои пешбурди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ҷалб гардиданд. Айни замон ҳиссаи омӯзгорони унвондор 35,1 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2025 теъдоди омӯзгорони дараҷа ва унвони илмидор 1,6 фоиз зиёд гардидааст.

Дар назди донишгоҳ Институти илмӣ-таҳқиқотӣ (табиатшиносӣ ва техникӣ), маркази «Мавлоношиносӣ», литсей, маркази касбомӯзӣ дар ноҳияи Хуросон, мавзеи таълимию таҷрибавии "Зағертут" фаъолият менамоянд. Шумораи донишҷӯён дар донишгоҳ 23011 нафар, аз ҷумла дар шуъбаи рӯзона 10076 нафар, таҳсилоти фосилавӣ ва ғоибона 12537 нафар ва зинаи магистратура 398 нафар мебошад. Шумораи умумии духтарон дар донишгоҳ 10609 нафар буда, ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии донишҷӯён 46,1% фоизро ташкил медиҳад.

Дар донишгоҳ 9 нафар шаҳрванди хориҷӣ дар шуъбаи фосилавӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Донишҷӯёни мазкур аз Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон мебошанд.

Айни ҳол, дар донишгоҳ 506 нафар ҷавонон тибқи Квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, ки 2,2%-и донишҷӯёнро ташкил медиҳад. 35,8%-и донишҷӯён аз ҳисоби буҷети давлат таҳсил менамоянд. Инчунин 10 нафар ба гирифтани стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор гаштаанд.

Ҳамчунин, дар донишгоҳ 460 нафар донишҷӯ аз табақаҳои ниёзманд таҳсил менамоянд, ки аз онҳо 27 нафар ятими кулл, 379 нафар нимятим, 54 нафар имконияти маҳдуддошта мебошанд, ки зери таваҷҷуҳи пайвастаи Раёсати донишгоҳ қарор доранд.

Яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таълиму тарбия мавҷуд будани заминаи моддӣ-техникии муосир мебошад, ки бевосита ба омода кардани мутахассисони баландихтисос мусоидат менамояд.

### РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Айни ҳол донишгоҳ бо 37 муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ шартнома ва қарордоди ҳамкорӣ оид ба табодули устодону донишҷӯён, иштироки мутақобила дар ҳамоишҳои илмӣ, таҳия ва роҳандозии барномаҳои муштараки таълимии зинаи бакалавр ва магистратура, гузаронидани конференсияҳои илмӣ-методӣ, хондани лексияҳо аз тарафи устодони донишгоҳҳо, навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, гузаронидани курсҳои такмили омӯзгорон ва ғайраро дорад.

Дар соли 2025 тибқи шартномаҳои ҳамкорӣ бо истифода аз технологияи навини иттилоотӣ, тариқи маҷозӣ (онлайнӣ) зиёда аз 58 конференсия, семинар ва мизҳои мудаввар бо иштироки якчанд донишгоҳу донишкадаҳои хориҷи кишвар доир карда шуд. Лозим ба ёдоварист, ки айни ҳол дар донишгоҳ фаъолияти (Маркази захиравии забони англисӣ (МЗЗА-ERC)), забони русӣ (Русское Пространство) ва маркази омӯзиши забон ва фарҳанги Корея дар сатҳи лозима ба роҳ монда шудааст.

Раёсати донишгоҳ доираи густариши робитаҳои байналмилалӣ ва таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба бо Донишгоҳи забонҳои хориҷии Сиани Ҷумҳурии Халқии Хитой шартномаи ҳамкориро ба имзо расонид. Дар асоси шартномаҳои амалкунанда 13 нафар омӯзгорони донишгоҳ дар кишварҳои хориҷӣ - Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, давлати Қатар, Русия, Ҷумҳуриҳои Кореяи Ҷанубӣ, Қазоқистон, Ӯзбекистон дар форумҳо, конференсияву семинарҳои байналмилалӣ иштирок ва табодули таҷриба намуданд.



### КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ

Дар донишгоҳ зиёда аз 87 чорабиниҳои тарбиявӣ бо ҷалби васеи омӯзгорону донишҷӯён баргузор гардид. Дар ин муддат тавассути сомонаи расмии донишгоҳ, шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳафтаномаи «Фурӯғ» ва васоити ахбори омма мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ, интишор карда шуда, аз ҷониби донишҷӯёну омӯзгорон зиёда аз 63 номгӯи мақолаҳо доир ба мавзуъҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳу оромӣ, истиқлолият ва пешгирӣ аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои террористиву ифротгароӣ дар матбуоти даврӣ рӯйи чоп омаданд.

Бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бошад, дар донишгоҳ 14 маротиба суҳбату мулоқот ва корҳои фаҳмондадиҳӣ доир карда шуд. Дар ин давра тибқи нақша-чорабиниҳо дар хобгоҳи донишҷӯён 23 мулоқоту вохӯриҳо, викторинаҳо, чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ, варзишӣ ва шабнишиниҳо бо иштироки донишҷӯёни хобгоҳ доир карда шуд.

Дар соли 2025 дар маҷмуъ бо мақсади иҷрои бандҳои Консепсияи миллии тарбия дар донишгоҳ зиёда аз 381 мулоқоту вохӯриҳо, суҳбатҳои инфиродӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ бо ҷалби васеи омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ баргузор гардидааст.

### ЗАМИНАИ МОДДИЮ ТАЪЛИМӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ – МЕТОДӢ

Донишгоҳ ҷиҳати иҷрои босифати барномаҳои таълимӣ заминаи моддӣ-техникӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва озмоишгоҳҳои замонавӣ бунёд намуда, дорои 9 бинои таълимӣ, 1 бинои маркази компютерӣ ва китобхонаи электрониву анъанавӣ, ҳамзамон, 211 аудиторияи дарсӣ, аз ҷумла, 41 кабинети фаннӣ, 25 озмоишгоҳ, 2 синфхонаи лингафонӣ, инчунин 3 толори хониш, 2 толори варзишӣ, 4 майдон ва як маҷмааи варзишӣ мебошад.

Дар ҳамаи факултетҳои донишгоҳ, дар маҷмуъ зиёда аз 1000 компютер, 303 тахтаи электронӣ, проекторҳо ва пардаҳои проексионӣ ва 35 адад смартэкранҳо мавҷуд мебошанд, ки дар раванди таълим мавриди истифода қарор дода мешаванд. Миқдори ҷойҳои нишаст дар синфхонаҳои таълимӣ ва озмоишгоҳҳо ба теъдоди донишҷӯён мувофиқат мекунад.

Натиҷаи сессияи имтиҳонӣ дар нимсолаи якуми соли таҳсили 2025-2026 бо чунин нишондод ҷамъбаст гардид. Аз 10015 нафар донишҷӯи таҳсили рӯзона 8189 нафар дар даври аввал комёб гардида, 1826 нафар бо сабабҳои гуногун қарздор монданд. Сатҳи сифати таълим 39,6 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,5% баланд гаштааст. Пешрафт бошад 81,9 фоизро ташкил додааст.

### ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ

Дар соли 2025 46 нафар омӯзгорони донишгоҳ рисолаҳои номзадиву докториашонро бо муваффақият дифоъ намуданд. Ин нишондод дар соли 2024 ба 28 нафар баробар буд. Агар дар соли 2024 дар донишгоҳ 208 нафар омӯзгорони дорои дараҷаи илмидошта фаъолият намуда бошанд, ин нишондод дар соли 2025 ба 239 нафар расидааст.

Бояд гуфт, ки иқтидори илмии донишгоҳ дар соли 2024 ба 33,5% рост меомад. Ин нишондод дар соли 2025 ба 35,1% расид, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 1,6% зиёд гардидааст. Дар соли 2025 дар донишгоҳ 103 чорабинии илмӣ, мизҳои мудаввар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ баргузор карда шуд. Аз ин шумора 6 конференсияи байналмилалӣ, 12 конференсияи ҷумҳуриявию вилоятӣ, 6 конференсияи умумидонишгоҳӣ, 2 маҳфили илмӣ-адабӣ ва 77 мизи мудаввар гузаронида шудааст. Дар чорабиниҳои баргузоршуда муҳимтарин масъалаҳо, аз қабили самтҳои афзалиятноки илм мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамзамон дар асоси нақша-чорабиниҳои донишгоҳӣ баргузории конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1160-солагии донишманди бузург Закариёи Розӣ, бахшида ба 1045-солагии нобиғаи башарият Абуалӣ ибни Сино, бахшида ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" ва бахшида ба дигар санаҳои таърихиву мавзуҳои мубрами рӯз ҷамъомадҳои илмӣ гузаронида шуданд.

Дар донишгоҳ дар зинаи магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос PhD низ мутахассис омода карда мешавад. Дар соли 2025 дар 45 кафедраи донишгоҳ 51 маҳфил ва 14 – ҷамъияти илмии донишҷӯён амал менамоянд, ки ба онҳо зиёда аз 1670 нафар донишҷӯён аъзо мебошанд. Ба ин маҳфилҳо номзадҳои илм, профессорон, саромӯзгорон ва омӯзгорони ботаҷриба роҳбарӣ мекунанд.

Соли 2025 дар даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" довталабони донишгоҳ ба гирифтани 1 – ҷойи дуюм ва 1 – ҷойи сеюм сазовор гардиданд, ки боиси ифтихор ва сарфарозии аҳли донишгоҳ мебошад. Инчунин, дар озмуни ҷумҳуриявии "Илм-фурӯғи маърифат" 2 – ҷойи дуюм ва 1 – ҷойи сеюм, ҳамзамон дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 3 – ҷойи 3-юмро ишғол намудаанд.

Теъдоди китобҳои китобхонаи муассиса дар соли 2025 ба 270730 нусха расидааст. Аз ин теъдод 16200 нусхаи он дар китобхонаи минтақаи Дӯстии халқҳо ҷойгир буда, дар истифода қарор доранд.

Дар Литсейи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав соли ҷорӣ 401 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудааст, аз он ҷумла, 151 (37,6%) нафарашонро духтарон ташкил медиҳад, ки таълимашон бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба роҳ монда шудааст. Ба ин хонандагон 28 нафар омӯзгор дарс медиҳанд, аз ин миқдор 16 нафарашон занҳо мебошанд.

Пайваста, меҳнати содиқона, тӯлонӣ ва софдилонаи ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон донишгоҳ дар мувофиқа бо Иттифоқи касабаи донишгоҳ бо мукофотҳои давлатӣ, соҳавӣ, донишгоҳӣ ва Иттифоқи касаба қадрдонӣ карда мешаванд. Соли 2025 2 нафар кормандони донишгоҳ бо мукофоти давлатӣ, аз ҷумла 1 нафар бо унвони Корманди шоистаи Тоҷикистон ва 1 нафар бо медали Хизмати шоиста; бо мукофотҳои соҳавӣ 43 нафар; аз ҷумла 19 нафар бо нишони Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон ва 24 нафар бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардиданд.

Имрӯзҳо ҳайати бисёрҳазорнафараи устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ бо дастовардҳои назаррас арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии ватани азизамонро истиқбол гирифта истодаанд, ки албатта ин нишони арҷгузорӣ ба ин боргоҳи илму маърифат мебошад. Рушду тавсеаи нуфузи донишгоҳ дар замони Истиқлоли давлатӣ бесобиқа натиҷабахш арзёбӣ шуда, он аз дастгириҳои мушфиқонаи ва таваҷҷуҳи хоссаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегирад. Маҳз бо дастгириву кӯмакҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон донишгоҳ дар ин давраи муҳимми давлатдорӣ ба дастовардҳои хеле зиёду мондагор ноил гардид.

Ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ бандҳои Паёми Президенти маҳбуби кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори хеш қарор дода, ҷаҳду талош менамоянд, ки дар пешрафти илми ватанӣ ва рушди иқтисоди кишвар саҳми арзанда гузошта, 35-солагии Истиқлоли давлатии кишвари азизамонро бо дастовардҳои арзандаи илмию омӯзгорӣ ва таҳқиқотӣ истиқбол гиранд.

# АЗ ТАЪРИХИ ТАЪСИС ВА ФАЪОЛИЯТИ ФАКУЛТЕТҲО ДАР ДОНИШГОҲ



## ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК

***Фаъолияти факултети филологияи тоҷик дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарору фармонҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ” ба роҳ монда шудааст.***

Ҳайати профессорон ва устодони факултет бо мақсади таъмини сифати таълиму тарбияи мутахассисони рақобатпазири самтҳои омӯзгорӣ ва рӯзноманигорӣ аз дараҷаи бакалавр то доктори PhD, тадриҷан воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ тавассути татбиқи пурраи низоми кредитии таҳсилот, корбасти тарзу усулҳои нави таълим, ривоҷи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори илмии факултет кӯшиши беандоза зоҳир менамоянд

Факултети филологияи тоҷик аз солҳои аввали таъсиси донишгоҳ амал менамояд. Айни замон, дар факултет чор кафедра: адабиёти тоҷик, забони тоҷикӣ, рӯзноманигорӣ, методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик мавҷуд буда, донишҷӯён аз рӯйи 11 ихтисос дар зинаи бакалавр, аз ҷумла Забон ва адабиёти тоҷик, Забон ва адабиёти тоҷик. Фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ, Фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ. Фолклор, Филологияи Шарқ (Забони форсӣ). Забон ва адабиёти тоҷик. Алифбои ниёгон, Забон ва адабиёти тоҷик. Китобхонашиносӣ, Забон ва адабиёти тоҷик. Рӯзноманигорӣ, Забон ва адабиёти тоҷик. Маърифати оиладорӣ, Забон ва адабиёти ӯзбек. Забон ва адабиёти тоҷик, Рӯзноманигорӣ (аз рӯйи самтҳо), Журналист-тарҷумон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар факултет шуъбаҳои магистратура аз рӯи ихтисосҳои рӯзноманигорӣ, забон ва адабиёти тоҷик ва доктор PhD аз рӯи чор ихтисос: филология, адабиётшиносӣ, адабиёти тоҷик ва рӯзноманигорӣ фаъолият менамоянд. Ба донишҷӯёни ихтисосу шуъбаҳои мазкур мутахассисони варзида ва олимону донишмандони шинохтаи улуми забон ва адабиётшиносӣ, ки аз онҳо 2 нафар докторони илм, профессорон, 25 нафар номзадҳои илм, дотсентон ва зиёда аз 20 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд.

Шароити таълим дар факултет дар асоси санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи илму маориф роҳандозӣ шуда, машғулиятҳо дар синфхонаҳои васеъу замонавӣ бо техника ва технологияи муосир гузаронида мешаванд

Дар назди кафедраи рӯзноманигорӣ студияи хурди таълимӣ- таҷрибавӣ амал мекунад, ки барои ташкил ва гузаронидани дарсҳои амалӣ ва озмоишӣ аз он васеъ истифода бурда мешавад. Устодон ва донишҷӯён дар мавридҳои зарурӣ аз техникаҳои дар студия мавҷудбуда самаранок истифода намуда, баҳри сабту танзим, нигоҳдорӣ ва пахши ҷараёни машғулиятҳо, баргузории чорабиниву вохӯриҳо дар факултет ва донишгоҳ саҳм мегузоранд. Дар доираи ҳамкориҳо бо шарикони рушд ба студияи таълимии таҷрибавии назди кафедраи рӯзноманигорӣ 13 номгӯйи таҷҳизоти техникии соҳавӣ дастрас карда шуд, ки дар оянда устодону донишҷӯён метавонанд дар машғулиятҳои таълимӣ аз онҳо самаранок истифода намоянд.

Бо мақсади тарбияи ҷавонон дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳифзи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ва саҳмгузорӣ дар пешрафти ҷомеа бахшида ба ҷашни 35- солагии Истиқлоли давлатӣ бо иштироки ҳайати профессорону устодон ва донишҷӯёни факултет чорабиниву суҳбатҳои судманд гузаронида мешаванд.

Дар даври ҷумҳуриявии озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” устодону донишҷӯёни факултети филологияи тоҷик, аз ҷумла Фарзонаи Сафаралӣ, магистранти курси якуми ихтисоси филологияи тоҷик аз рӯйи номинатсияи “Адабиёти классикӣ” сазовори ҷойи 2-юм гардиданд.

Устодони факултети филологияи тоҷик машғулиятҳои таълимии худро бо усулҳои фаъоли таълим мегузаронанд.

Довталабони ихтисосҳои факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав хеле зиёданд. Аз ин рӯ, довталабони азиз, фардоро бо интихоби дурусти касб бунёд намоед!

***Факултети математика яке аз аввалин факултетҳои донишгоҳба шумор меравад. Факултет ҳамсоли таълимгоҳ буда, дар соли 1978 бо номи факултети физикаву математика арзи вуҷуд намудааст.***

конференсияи илмию назариявии умумиҷумҳурӣ созмон дода шудааст.

Ногуфта намонад, ки дар назди факултет аз ҳисоби кафедраҳои пешбар 3 - маҳфили илмӣ, ҷамъомади илмии донишҷӯён, гурӯҳи олимпӣ фаъолият намуда истодааст, ки роҳбари онҳоро омӯзгорони соҳибтаҷрибаи кафедраҳои тахассу-

## ФАКУЛТЕТИ МАТЕМАТИКА

Факултет дорои 3 (се) кафедра мебошад: кафедраи методикаи таълими математика, кафедраи алгебра ва геометрия, кафедраи таҳлили математикӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ.

Дар факултет13 синфхона, аз ҷумла 1 синфхонаи технологияи иттилоотӣ, 10 утоқи корӣ мавҷуд аст, ки бо тамоми шароити муосири таълимӣ таъмин мебошанд.

Ба донишҷӯён 43 нафар омӯзгор: 3-профессор, 11- номзади илм, 29 нафар омӯзгорон дарс медиҳанд. Дар факултет дар баробари тоҷикӣ таҳсил барои гурӯҳҳои алоҳида бо забони русӣ ба роҳ монда шудааст.

Донишҷӯёни факултет дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ доимо ширкат меварзанд. Хатмкардагони факултет асосан дар мактабҳои миёна ба ҳайси омӯзгори математика ва аҳёнан дар дигар соҳаҳо фаъолият менамоянд.

Факулта сафи устодонашро аз ҳисоби кадрҳои худӣ-собиқ хатмкардагонаш пурра кардааст. Бо ташаббуси садорати факулта дар тӯли сол сии факултет ба уҳда доранд.

Дар назди кафедраҳои факултет маҳфилҳои илмӣ зерин фаъолият мекунанд.

1. “Методикаи таълими математика”, дар назди кафедраи методикаи таълими математика.

2. “Алгебра санъат аст”, дар назди кафедраи агебра ва геометрия.

3. “Дифференсиал”, дар назди кафедраи таҳлили математикӣ ва муодилаҳои дифференсиалӣ.

Факултети математика мувофиқ ба нақшаҳои таълимӣ имсол донишҷӯёнро аз рӯи 4 ихтисос ба таҳсил ҷалб менамояд.

1. 1-020503-02-Математика (фаъолияти илмию педагогӣ).
2. 1-020503-Математика - информатика
3. 1-020503-01-Математика - физика.
4. 1-020503-Математика. Нақшакашӣ.

Муваффақияти дигари назарраси факултетро таъмини кадрҳои баландихтисос аз ҳисоби омӯзгорони соҳибтаҷриба ташкил медиҳанд.

◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇◇

## ФАКУЛТЕТИ ХИМИЯ ВА БИОЛОГИЯ

***Факултети химия ва биологияи МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” бо назардошти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020 таҳти №526 «Дар бораи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию дақиқ барои солҳои 2020-2040» то имрӯз корҳои мушаххасеро ба сомон расонида истодаанд.***

Ҳайати омӯзгорони факултет ба масъалаи таълиму тарбия афзалияти бештар медиҳанд, сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳо беҳтар намуда, барои таҳсилоти босифат аз тамоми имконот истифода мекунанд. Заминаҳои моддиву техникии факултетро таҳким бахшида самарабахшии фаъолияти таълимро таъмин менамоянд. Зеро сифати омодасозии мутахассисони оянда аз ҳамин омилҳо вобастагӣ дошта, имкон медиҳад, ки мо дар соҳаи маориф ба натиҷаҳои боз ҳам бештар ноил гардем.

Низоми муосири таълим, ки хоси даврони истиқлолият мебошад, барои баланд бардоштани сифати таълим ва бедор кардани завқу ҳаваси хонандагон ба донишомӯзӣ мусоидат менамояд. Ҳоло дар соҳаи маориф гузариш ба стандартҳои нави таълим идома дошта, зарурати ворид намудани шаклу воситаҳои нави азхудкунии илму дониш дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот пеш омадааст. Вобаста ба ин, омӯзгоронро зарур аст, ки ҷиҳати омӯхтани навгониҳои илмиву таълимӣ, таҷрибаи пешқадам ва такмили маҳорату малакаи касбии худ мунтазам кӯшиш намоянд.

Дар кафедраҳои факултет 61 нафар омӯзгорони доимӣ ва ҳамкори дохилӣ кору фаъолият доранд, ки аз инҳо 4 доктори илм профессор, 24 номзади илм, 2 саромӯзгор ва 29 нафари боқимонда омӯзгорон мебошанд. Яъне 45,9%-и омӯзгорон дараҷаи илмӣ доранд.

Дар факултет 11 кабинети корӣ, 16 аудиторияи дарсӣ, 1 маркази компютерӣ 9 озмоишгоҳ (озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ, химияи умумӣ, химияи физикӣ ва техникӣ, химияи таҳлилӣ, химияи органикӣ, биохимияи тиббӣ, биологияи умумӣ, физиология ва микробиология, озмоишгоҳи растаниҳои ситрусӣ) мавҷуд буда, 5 га замини таҷрибавии Зағертут барои иҷрои корҳои илмию таҳқиқотии шогирдон пешбинӣ шудааст. 15 аудитория дар факултет бо проектор ва доскаҳои электронӣ таҷҳизонида шудааст, ки аз онҳо омӯзгорон фаъолона истифода мебаранд.



Айни ҳол дар факултет 1545 нафар донишҷӯён аз рӯйи 11 ихтисос ба таҳсил фаро гирифта шудаанд:

1. 1-310501-01 Химия (фаъолияти илмию истеҳсолӣ)
2. 1-310501-02 Химия (фаъолияти илмию педагогӣ)
3. 1-020406 Химия. Биология
4. 1-480101 Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ, мавод ва маҳсулот
5. 1-020401 Биология
6. 1-330101 Биология, ихтисоси иловагӣ экология
7. 1-020404-01 Биология. Химия
8. 1-310101-0221 Биохимияи тиббӣ
9. 1-330101-05 Экология. Химия
10. 1-020404 Биология, ихтисоси иловагии ҳифзи наботот
11. 1-020404-07 Биология. Дендрология

Мо довталабон - дӯстдорони илмҳои химия ва биологияро барои таҳсил ба факултети химия-биологияи ДДБ ба номи Носири Хусрав даъват менамоем.

*Ҷавононро бо илму дониш мусаллаҳ гардонед, зеро онҳо сармояи асосии пешрафти Ватан мебошанд ва бе таълими сифатнок ҳеҷ ояндаи нек нест.* *Эмомалӣ Раҳмон*

6 феврали соли 2026. № 3 (589)

# КОМИССИЯИ ҚАБУЛИ

## МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ» ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2026 - 2027

| № | Рамз | Ихтисосҳо | Нақшаи қабул | Шуъбаи рӯзона | | Шуъбаи фосилавӣ | | Маблағ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Буҷавӣ | Пулакӣ | Буҷавӣ | Пулакӣ | |
| **КЛАСТЕРИ 1 (ГУРӮҲИ ИХТИСОСҲОИ ТАБИИ ВА ТЕХНИКӢ)** | | | | | | | | |
| 1 | 1-310304 | Информатика | 100 | 30 | 70 | - | - | 4100 |
| 2 | 1-020505 | Информатика. Математика | 50 | 7 | 18 | 7 | 18 | 3700 |
| 3 | 1-310301-02 | Математика (фаъолияти илмию педагогӣ) | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 4 | 1-020503-02 | Математика. Информатика | 115 | 25 | 45 | 15 | 30 | 3600 |
| 5 | 1-020503-01 | Математика. Физика | 120 | 25 | 50 | 15 | 30 | 3600 |
| 6 | 1-020503 | Математика. Нақшакашӣ | 45 | 10 | 35 | - | - | 3600 |
| 7 | 1-400102-04 | Низом ва технологияи иттилоотӣ | 50 | 15 | 35 | - | - | 4800 |
| 8 | 1-700202 | Санҷиш ва идоракунии амволи ғайриманқул | 30 | - | 30 | - | - | 4700 |
| 9 | 1-400101-02 | Системаҳои автоматикунонидашуда | 65 | 5 | 35 | - | 25 | 5400 |
| 10 | 1-700201 | Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ | 70 | 5 | 45 | 5 | 15 | 5400 |
| 11 | 1-440101 | Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ | 70 | - | 50 | - | 20 | 6700 |
| 12 | 1-080101-09 | Таълими касбӣ (нақлиёти автомобилӣ) | 45 | 10 | 35 | - | - | 4100 |
| 13 | 1-080101-03 | Таълими касбӣ (энергетика) | 80 | 10 | 40 | 5 | 25 | 4200 |
| 14 | 1-020601 | Технология (аз рӯйи самтҳо) | 90 | 20 | 40 | 10 | 20 | 3500 |
| 15 | 1-020601-02 | Технология (меҳнати техникӣ, нақшакашӣ) | 50 | 10 | 15 | 5 | 20 | 3500 |
| 16 | 1-020602-07 | Технология (меҳнати техникӣ). Физика | 50 | 10 | 40 | - | - | 3500 |
| 17 | 1-020602-01 | Технология. Информатика | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 18 | 1-310401-03 | Физика (фаъолияти илмию педагогӣ) | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 19 | 1-020504-02 | Физика. Информатика | 60 | 20 | 40 | - | - | 3600 |
| 20 | 1-020504-05 | Физика. Информатика. Астрономия | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 21 | 1-020504-01 | Физика. Математика | 85 | 25 | 30 | 10 | 20 | 3600 |
| 22 | 1-450103-02 | Шабакаҳои алоқа ва тақсими иттилоот | 75 | 15 | 35 | - | 25 | 4900 |
| 23 | 1-020602 | Технология аз рӯйи самтҳо (саноати полиграфӣ) | 25 | 5 | 20 | - | - | 3500 |
| 24 | 1-020505 | Информатика. Физика | 25 | 7 | 18 | - | - | 3700 |
| 25 | 1-480101 | Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ, мавод ва маҳсулот | 40 | 15 | 25 | - | - | 4000 |
| 26 | 1-310303-01 | Математикаи амалӣ ва информатика | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 27 | 1-440302 | Ташкили ҳаракат дар роҳ | 50 | - | 25 | - | 25 | 6700 |
| 28 | 1-310401-0225 | Информатикаи физикавӣ | 25 | 5 | 20 | - | - | 3700 |
| **КЛАСТЕРИ 2 (ГУРӮҲИ ИХТИСОСҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ГЕОГРАФИЯ)** | | | | | | | | |
| 29 | 1-250104-03 | Андоз ва андозбандӣ | 105 | - | 75 | - | 30 | 6700 |
| 30 | 1-250111 | Аудит ва ревизия | 75 | - | 75 | - | - | 6700 |
| 31 | 1-250108-01 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо | 50 | - | 25 | - | 25 | 6700 |
| 32 | 1-250108 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 105 | - | 75 | - | 30 | 6700 |
| 33 | 1-020405 | География, ихтисоси иловагӣ (демография) | 90 | 25 | 35 | 10 | 20 | 3600 |
| 34 | 1-020405 | География. Асосҳои иқтисодиёт | 45 | 10 | 35 | - | - | 3900 |
| 35 | 1-020405-04 | География. Ҳифзи табиат | 105 | 20 | 55 | 7 | 23 | 3900 |
| 36 | 1-020405-03 | География | 50 | 10 | 15 | 7 | 18 | 3600 |
| 37 | 1-310201-0203 | Географияи сайёҳӣ ва менеҷменти сайёҳат | 25 | 5 | 20 | - | - | 3900 |
| 38 | 1-260101-01 | Идораи мақомоти маҳаллӣ | 50 | 5 | 45 | - | - | 5000 |
| 39 | 1-260202-03 | Идоракунии молияи давлатӣ | 50 | - | 25 | - | 25 | 5000 |
| 40 | 1-250107 | Иқтисод ва идора дар корхона | 50 | - | 25 | - | 25 | 6600 |
| 41 | 1-250107-17 | Иқтисодиёт ва идораи сайёҳӣ | 80 | 5 | 45 | 5 | 25 | 4800 |
| 42 | 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳон | 50 | - | 25 | - | 25 | 6500 |
| 43 | 1-250104-02 | Кори бонкӣ | 100 | - | 70 | - | 30 | 6700 |
| 44 | 1-260202-06 | Менеҷменти иҷтимоӣ | 75 | - | 50 | - | 25 | 5100 |
| 45 | 1-260202-01 | Менеҷменти молиявӣ | 80 | - | 50 | - | 30 | 5900 |
| 46 | 1-250104 | Молия ва қарз | 105 | - | 75 | - | 30 | 6700 |
| 47 | 1-960101 | Хадамоти гумрукӣ | 105 | - | 75 | - | 30 | 6700 |
| 48 | 1-250105 | Омор | 30 | - | 30 | - | - | 5200 |
| 49 | 1-260202-03 | Менеҷменти инноватсионӣ | 75 | - | 50 | - | 25 | 5900 |
| 50 | 1-250112 | Информатикаи иқтисодӣ | 75 | - | 50 | - | 25 | 4800 |
| 51 | 1-25011026 | Иқтисодиёти рақамӣ | 50 | - | 50 | - | - | 6600 |
| **КЛАСТЕРИ 3 (ГУРӮҲИ ИХТИСОСҲОИ ФИЛОЛОГИЯ, ПЕДАГОГИКА ВА САНЪАТ)** | | | | | | | | |
| 52 | 1-230109-03 | Журналист тарҷумон | 50 | 10 | 40 | - | - | 5200 |
| 53 | 1-020304-01 | Забон ва адабиёти рус | 125 | 25 | 50 | 20 | 30 | 4200 |
| 54 | 1-020304-02 | Забон ва адабиёти рус. Забони англисӣ | 50 | 20 | 30 | - | - | 4900 |
| 55 | 1-020303-03 | Забон ва адабиёти тоҷик. Фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ | 75 | 10 | 40 | 5 | 20 | 4200 |
| 56 | 1-020303 | Забон ва адабиёти тоҷик. Алифбои ниёгон | 75 | 5 | 45 | 5 | 20 | 4200 |
| 57 | 1-020303-05 | Забон ва адабиёти тоҷик. Китобхонашиносӣ | 50 | 10 | 40 | - | - | 4200 |
| 58 | 1-020305 | Забон ва адабиёти тоҷик. Рӯзноманигорӣ | 25 | - | 25 | - | - | 4200 |
| 59 | 1-020301 | Забон ва адабиёти тоҷик | 125 | 25 | 50 | 20 | 30 | 4000 |
| 60 | 1-020303 | Забон ва адабиёти тоҷик. Маърифати оиладорӣ | 30 | 10 | 20 | - | - | 3700 |
| 61 | 1-020307-01 | Забон ва адабиёти ӯзбек. Забон ва адабиёти тоҷик | 25 | 10 | 15 | - | - | 3700 |
| 62 | 1-020307 | Забони англисӣ. Забон ва адабиёти рус | 50 | 20 | 30 | - | - | 4900 |
| 63 | 1-020307 | Забони англисӣ. Забони хитоӣ | 25 | 5 | 20 | - | - | 4900 |
| 64 | 1-020306 | Забони хориҷӣ (забони англисӣ) | 155 | 30 | 75 | 10 | 40 | 4900 |
| 65 | 1-210506-04 | Назария ва амалияи тарҷума (забони англисӣ) | 50 | 15 | 35 | - | - | 4900 |
| 66 | 1-210505-04 | Назария ва амалияи тарҷума (забони русӣ) | 50 | 15 | 35 | - | - | 4200 |
| 67 | 1-010202 | Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ | 135 | 30 | 45 | 25 | 35 | 4000 |
| 68 | 1-230108 | Рӯзноманигорӣ (аз рӯйи самтҳо) | 25 | 5 | 20 | - | - | 5400 |
| 69 | 1-030106-02 | Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ | 40 | 10 | 30 | - | - | 3500 |
| 70 | 1-030305-05 | Сурдопедагогика | 25 | 10 | 15 | - | - | 3400 |
| 71 | 1-010202-04 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Забон ва адабиёти тоҷик | 50 | 5 | 45 | - | - | 4200 |
| 72 | 1-010201 | Тахсилоти ибтидоӣ | 25 | 7 | 18 | - | - | 4000 |
| 73 | 1-010202-03 | Таҳсилоти ибтидоӣ. Санъати мусиқӣ | 75 | 25 | 50 | - | - | 3900 |
| 74 | 1-010102 | Таҳсилоти томактабӣ. Педагогика ва психология | 135 | 35 | 40 | 25 | 35 | 3900 |
| 75 | 1-020204 | Фарҳанги ҷаҳонӣ ва ватанӣ. Фолклор | 25 | 10 | 15 | - | - | 3600 |
| 76 | 1-210507-01 | Филологияи Шарқ (забони форсӣ) | 25 | 10 | 15 | - | - | 3600 |
| 77 | 1-020307 | Забони англисӣ. Забони кореягӣ | 25 | 5 | 20 | - | - | 4900 |
| 78 | 1-210601-01 | Забони муосири хориҷӣ (англисӣ-арабӣ) | 25 | 5 | 20 | - | - | 4900 |
| **КЛАСТЕРИ 4 (ГУРӮҲИ ИХТИСОСҲОИ ҶОМЕАШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚ)** | | | | | | | | |
| 79 | 1-230101 | Муносибатҳои байналмилалӣ | 80 | 10 | 40 | 10 | 20 | 5500 |
| 80 | 1-240102-13 | Психологияи ҳуқуқшиносӣ | 80 | - | 50 | - | 30 | 6400 |
| 81 | 1-230106-0103 | Сиёсат ва идораи давлатӣ | 75 | 5 | 45 | - | 25 | 5400 |
| 82 | 1-230106-01 | Сиёсатшиносӣ (фаъолияти сиёсию ҳуқуқӣ) | 50 | - | 25 | - | 25 | 6500 |
| 83 | 1-260102-01 | Танзими ҳуқуқии соҳаҳои идораи давлатӣ | 80 | 5 | 45 | - | 30 | 6500 |
| 84 | 1-210301 | Таърих (аз рӯйи самтҳо) | 50 | 7 | 18 | 5 | 20 | 3600 |
| 85 | 1-210301-02 | Таърих (бостоншиносӣ) | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 86 | 1-210301-01 | Таърих (ватанӣ ва умумӣ) | 80 | 15 | 35 | 5 | 25 | 3600 |
| 87 | 1-020102 | Таърих, ихтисоси иловагӣ (ҳуқуқ) | 95 | 10 | 55 | 5 | 25 | 5000 |
| 88 | 1-020102 | Таърих. Таърихи дин | 25 | 10 | 15 | - | - | 3600 |
| 89 | 1-230113 | Таъриху фарҳангшиносӣ | 80 | 5 | 45 | 5 | 25 | 3600 |
| 90 | 1-930101 | Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ | 80 | - | 50 | - | 30 | 5900 |
| 91 | 1-240103 | Ҳуқуқи иқтисодӣ | 50 | - | 25 | - | 25 | 6500 |
| 92 | 1-210201 | Фалсафа | 50 | - | 25 | - | 25 | 3600 |
| **КЛАСТЕРИ 5 (ГУРӮҲИ ИХТИСОСҲОИ ТИББӢ, БИОЛОГӢ, ВАРЗИШ)** | | | | | | | | |
| 93 | 1-020401 | Биология | 75 | 15 | 35 | 7 | 18 | 4100 |
| 94 | 1-330101 | Биология, ихтисоси иловагӣ экология | 120 | 30 | 45 | 10 | 35 | 4200 |
| 95 | 1-020404-01 | Биология. Химия | 75 | 15 | 35 | 7 | 18 | 4200 |
| 96 | 1-310101-0221 | Биохимияи тиббӣ | 50 | - | 50 | - | - | 6500 |
| 97 | 1-030201 | Тарбияи ҷисмонӣ | 110 | 20 | 60 | 7 | 23 | 4300 |
| 98 | 1-030202 | Тарбияи ҷисмонӣ. Омодагии дифои ҳарбӣ | 80 | 20 | 60 | - | - | 5100 |
| 99 | 1-310501-01 | Химия (фаъолияти илмию истеҳсолӣ) | 50 | 20 | 30 | - | - | 3700 |
| 100 | 1-020406 | Химия. Биология | 120 | 30 | 45 | 10 | 35 | 4200 |
| 101 | 1-310501-02 | Химия (фаъолияти илмию педагогӣ) | 25 | 5 | 20 | - | - | 3700 |
| 102 | 1-330101-05 | Экология. Химия | 25 | 7 | 18 | - | - | 4100 |
| 103 | 1-020404 | Биология, ихтисоси иловагӣ ҳимояи наботот | 25 | 7 | 18 | - | - | 4100 |
| 104 | 1-020404-07 | Биология. Дендрология | 25 | 7 | 18 | - | - | 4000 |
| | | | 6575 | 1059 | 3876 | 287 | 1353 | |

## ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!

Агар Шумо Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро интихоб карданӣ бошед, пас, чунин амалҳоро бояд анҷом диҳед:

1. Ба сомонаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.ntc.tj ворид шуда, рамзи донишгоҳро, ки 112 мебошад, интихоб намоед.
2. Ихтисосҳои донишгоҳ дар панҷ гурӯҳи тахассусҳо (кластерҳо) ҷойгир шудаанд.





## ЧАРО БОЯД МАҲЗ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВРО ИНТИХОБ НАМОЯМ?

-Донишгоҳ дорои заминаи мустаҳками моддӣ-таълимии муосир, иқтидори пурқуввати илмӣ-омӯзгорӣ ва таҳқиқотиву инноватсионӣ мебошад;

-дар донишгоҳ маркази озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти замонавии таълим фаъолият доранд;

-дар донишгоҳ гурӯҳҳои махсус ташкил карда шудааст, ки ҷараёни таълим дар онҳо пурра бо забони англисӣ ва русӣ ба роҳ монда шудааст;

-Маркази омӯзиши забонҳои кореягӣ, русӣ ва забони англисӣ, ки ройгон ба роҳ монда шудааст, имкон медиҳанд, ки хоҳишмандон дар мавриди фориғ аз дарс ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ машғул шаванд;

-айни замон хатмкунандагони донишгоҳ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар вазифаҳои роҳбарикунанда ва масъулиятнок фаъолият доранд;

-дар донишгоҳ фаъолияти тарбиявӣ - фарҳангӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шуда, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ба ҳукми анъана ворид шудааст;

-маҷмааи варзишии донишгоҳ ва гузаронидани мусобиқаҳои гуногун имкон медиҳанд, ки донишҷӯён ба тарзи ҳаёти солим фаро гирифта шаванд.

Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; тел: 8(3222)2-54-81,2-22-53; почтаи электронӣ- bgu-1978@mail.ru; сомона- www.btsu.tj; фейсбук- https://www.facebook.com/ https://www.facebook.com/cebook.com/groups/348045799694222

# БОХТАРСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ НОСИРА ХУСРАВА

## объявляет прием абитуриентов на 2026-2027 учебный год по следующим специальностям

| № | Шифр | Специальность | План приёма | Очное отделение: бюджетное | Очное отделение: договорное | Заочное отделение: бюджетное | Заочное отделение: договорное | Оплачиваемая сумма |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 КЛАСТЕР (ГРУППА ПО ЕСТЕСТВЕННЫМ И ТЕХНИЧЕСКИМ СПЕЦИАЛЬНОСТЯМ) | | | | | | | | |
| 1 | 1-310304 | Информатика | 100 | 30 | 70 | - | - | 4100 |
| 2 | 1-020505 | Информатика. Математика. | 50 | 7 | 18 | 7 | 18 | 3700 |
| 3 | 1-310301-02 | Математика ( научно-педагогическая деятельность) | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 4 | 1-020503-02 | Математика. Информатика | 115 | 25 | 45 | 15 | 30 | 3600 |
| 5 | 1-020503-01 | Математика. Физика | 120 | 25 | 50 | 15 | 30 | 3600 |
| 6 | 1-020503 | Математика. Черчение | 45 | 10 | 35 | - | - | 3600 |
| 7 | 1-400102-04 | Информационные системы и технологии | 50 | 15 | 35 | - | - | 4800 |
| 8 | 1-700202 | Экспертиза и управление недвижимостью | 30 | - | 30 | - | - | 4700 |
| 9 | 1-400101-02 | Автоматизированные системы | 65 | 5 | 35 | - | 25 | 5400 |
| 10 | 1-700201 | Промышленное и гражданское строительство | 70 | 5 | 45 | 5 | 15 | 5400 |
| 11 | 1-440101 | Организация перевозок и управление на автомобильном и городском транспорте | 70 | - | 50 | - | 20 | 6700 |
| 12 | 1-080101-09 | Профессиональное обучение (автомобильный транспорт) | 45 | 10 | 35 | - | - | 4100 |
| 13 | 1-080101-03 | Профессиональное обучение (энергетика) | 80 | 10 | 40 | 5 | 25 | 4200 |
| 14 | 1-020601 | Технология ( по направлениям ) | 90 | 20 | 40 | 10 | 20 | 3500 |
| 15 | 1-020601-02 | Технология (технический труд, черчение) | 50 | 10 | 15 | 5 | 20 | 3500 |
| 16 | 1-020602-07 | Технология (технический труд). Физика | 50 | 10 | 40 | - | - | 3500 |
| 17 | 1-020602-01 | Технология. Информатика | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 18 | 1-310401-03 | Физика ( научно-педагогическая деятельность ) | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 19 | 1-020504-02 | Физика. Информатика | 60 | 20 | 40 | - | - | 3600 |
| 20 | 1-020504-05 | Физика. Информатика. Астрономия | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 21 | 1-020504-01 | Физика. Математика | 85 | 25 | 30 | 10 | 20 | 3600 |
| 22 | 1-450103-02 | Коммуникационные сети и распределение информации | 75 | 15 | 35 | - | 25 | 4900 |
| 23 | 1-020602 | Технология по направлениям (полиграфическая промыщленность) | 25 | 5 | 20 | - | - | 3500 |
| 24 | 1-020505 | Информатика. Физика | 25 | 7 | 18 | - | - | 3700 |
| 25 | 1-480101 | Химическая технология неорганических веществ, материалов и изделий | 40 | 15 | 25 | - | - | 4000 |
| 26 | 1-310303-01 | Прикладная математика и информатика | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 27 | 1-440302 | Организация дорожного движения | 50 | - | 25 | - | 25 | 6700 |
| 28 | 1-310401-0225 | Физическая информатика | 25 | 5 | 20 | - | - | 3700 |
| 2 КЛАСТЕР (ГРУППА ПО СПЕЦИАЛЬНОСТЯМ ЭКОНОМИКА И ГЕОГРАФИЯ) | | | | | | | | |
| 29 | 1-250104-03 | Налог и налогообложение | 105 | - | 75 | - | 30 | 6700 |
| 30 | 1-250111 | Аудит и ревизия | 75 | - | 75 | - | - | 6700 |
| 31 | 1-250108-01 | Бухгалтерский учет, анализ и аудит в банках | 50 | - | 25 | - | 25 | 6700 |
| 32 | 1-250108 | Бухгалтерский учет, анализ и аудит | 105 | - | 75 | - | 30 | 6700 |
| 33 | 1-020405 | География. Дополнительная специальность (демография) | 90 | 25 | 35 | 10 | 20 | 3600 |
| 34 | 1-020405 | География. Экономика | 45 | 10 | 35 | - | - | 3900 |
| 35 | 1-020405-04 | География (защита окружающей среды) | 105 | 20 | 55 | 7 | 23 | 3900 |
| 36 | 1-020405-03 | География | 50 | 10 | 15 | 7 | 18 | 3600 |
| 37 | 1-310201-0203 | География туризма и туристический менеджмент | 25 | 5 | 20 | - | - | 3900 |
| 38 | 1-260101-01 | Управление местной власти | 50 | 5 | 45 | - | - | 5000 |
| 39 | 1-260202-03 | Управление государственными финансами | 50 | - | 25 | - | 25 | 5000 |
| 40 | 1-250107 | Экономика и управление предприятием | 50 | - | 25 | - | 25 | 6600 |
| 41 | 1-250107-17 | Экономика и управление туризмом | 80 | 5 | 45 | 5 | 25 | 4800 |
| 42 | 1-250103 | Мировая экономика | 50 | - | 25 | - | 25 | 6500 |
| 43 | 1-250104-02 | Банковское дело | 100 | - | 70 | - | 30 | 6700 |
| 44 | 1-260202-06 | Соцальный менеджмент | 75 | - | 50 | - | 25 | 5100 |
| 45 | 1-260202-01 | Финансовый менеджмент | 80 | - | 50 | - | 30 | 5900 |
| 46 | 1-250104 | Финансы и кредит | 105 | - | 75 | - | 30 | 6700 |
| 47 | 1-960101 | Таможенное дело | 105 | - | 75 | - | 30 | 6700 |
| 48 | 1-250105 | Статистика | 30 | - | 30 | - | - | 5200 |
| 49 | 1-260202-03 | Инновационный менеджмент | 75 | - | 50 | - | 25 | 5900 |
| 50 | 1-250112 | Экономическая информатика | 75 | - | 50 | - | 25 | 4800 |
| 51 | 1-25011026 | Цифровая экономика | 50 | - | 50 | - | - | 6600 |
| 3 КЛАСТЕР (ГРУППА ПО СПЕЦИАЛЬНОСТЯМ ФИЛОЛОГИЯ, ПЕДАГОГИКА И ИСКУССТВО) | | | | | | | | |
| 52 | 1-230109-03 | Журналист-международник | 50 | 10 | 40 | - | - | 5200 |
| 53 | 1-020304-01 | Русский язык и литература | 125 | 25 | 50 | 20 | 30 | 4200 |
| 54 | 1-020304-02 | Русский язык и литература. Английский язык | 50 | 20 | 30 | - | - | 4900 |
| 55 | 1-020303-03 | Таджикский язык и литература. Мировая и отечественная культура | 75 | 10 | 40 | 5 | 20 | 4200 |
| 56 | 1-020303 | Таджикский язык и литература. Классическая письменность | 75 | 5 | 45 | 5 | 20 | 4200 |
| 57 | 1-020303-05 | Таджикский язык и литература. Библиотековедение | 50 | 10 | 40 | - | - | 4200 |
| 58 | 1-020305 | Таджикский язык и литература. Журналистика | 25 | - | 25 | - | - | 4200 |
| 59 | 1-020301 | Таджикский язык и литература | 125 | 25 | 50 | 20 | 30 | 4000 |
| 60 | 1-020303 | Таджикский язык и литература. Семейное образование | 30 | 10 | 20 | - | - | 3700 |
| 61 | 1-020307-01 | Узбекский язык и литература. Таджикский язык и литература | 25 | 10 | 15 | - | - | 3700 |
| 62 | 1-020307 | Английский язык. Русский язык и литература | 50 | 20 | 30 | - | - | 4900 |
| 63 | 1-020307 | Английский язык. Китайский язык | 25 | 5 | 20 | - | - | 4900 |
| 64 | 1-020306 | Иностранные языки (английский язык) | 155 | 30 | 75 | 10 | 40 | 4900 |
| 65 | 1-210506-04 | Теория и практика перевода (английский язык) | 50 | 15 | 35 | - | - | 4900 |
| 66 | 1-210505-04 | Теория и практика перевода (русский язык) | 50 | 15 | 35 | - | - | 4200 |
| 67 | 1-010202 | Педагогика и методика начального образования | 135 | 30 | 45 | 25 | 35 | 4000 |
| 68 | 1-230108 | Журналистика (по направлениям) | 25 | 5 | 20 | - | - | 5400 |
| 69 | 1-030106-02 | Изобразительное искусство и черчение | 40 | 10 | 30 | - | - | 3500 |
| 70 | 1-030305-05 | Сурдопедагогика | 25 | 10 | 15 | - | - | 3400 |
| 71 | 1-010202-04 | Начальное образование. Таджикский язык и литература | 50 | 5 | 45 | - | - | 4200 |
| 72 | 1-010201 | Начальное образование | 25 | 7 | 18 | - | - | 4000 |
| 73 | 1-010202-03 | Начальное образование. Музыкальное искусство | 75 | 25 | 50 | - | - | 3900 |
| 74 | 1-010102 | Дошкольное образование. Педагогика и психология | 135 | 35 | 40 | 25 | 35 | 3900 |
| 75 | 1-020204 | Мировая и отечественная культура. Фольклор | 25 | 10 | 15 | - | - | 3600 |
| 76 | 1-210507-01 | Восточная филология (персидский язык) | 25 | 10 | 15 | - | - | 3600 |
| 77 | 1-020307 | Английский язык. Корейский язык | 25 | 5 | 20 | - | - | 4900 |
| 78 | 1-210601-01 | Современные иностранные языки (английский, арабский) | 25 | 5 | 20 | - | - | 4900 |
| 4 КЛАСТЕР (ГРУППА ПО СПЕЦИАЛЬНОСТЯМ ОБЩЕСТВО И ПРАВО) | | | | | | | | |
| 79 | 1-230101 | Международные отношения | 80 | 10 | 40 | 10 | 20 | 5500 |
| 80 | 1-240102-13 | Юридическая психология | 80 | - | 50 | - | 30 | 6400 |
| 81 | 1-230106-0103 | Политика и государственное управление | 75 | 5 | 45 | - | 25 | 5400 |
| 82 | 1-230106-01 | Политология (политико-юридическая деятельность) | 50 | - | 25 | - | 25 | 6500 |
| 83 | 1-260102-01 | Правовое регулирование отраслей государственного управления | 80 | 5 | 45 | - | 30 | 6500 |
| 84 | 1-210301 | История (по направлениям) | 50 | 7 | 18 | 5 | 20 | 3600 |
| 85 | 1-210301-02 | История (археология) | 50 | 15 | 35 | - | - | 3600 |
| 86 | 1-210301-01 | История (отечественная и всеобщая) | 80 | 15 | 35 | 5 | 25 | 3600 |
| 87 | 1-020102 | История. Дополнительная специальность (право) | 95 | 10 | 55 | 5 | 25 | 5000 |
| 88 | 1-020102 | История. Религиоведение | 25 | 10 | 15 | - | - | 3600 |
| 89 | 1-230113 | История и культурология | 80 | 5 | 45 | 5 | 25 | 3600 |
| 90 | 1-930101 | Правоохранительная деятельность | 80 | - | 50 | - | 30 | 5900 |
| 91 | 1-240103 | Экономическое право | 50 | - | 25 | - | 25 | 6500 |
| 92 | 1-210201 | Философия | 50 | - | 25 | - | 25 | 3600 |
| 5 КЛАСТЕР (ГРУППА ПО СПЕЦИАЛЬНОСТЯМ МЕДИЦИНА, БИОЛОГИЯ, СПОРТ) | | | | | | | | |
| 93 | 1-020401 | Биология | 75 | 15 | 35 | 7 | 18 | 4100 |
| 94 | 1-330101 | Биология, дополнительная специальность экология | 120 | 30 | 45 | 10 | 35 | 4200 |
| 95 | 1-020404-01 | Биология. Химия | 75 | 15 | 35 | 7 | 18 | 4200 |
| 96 | 1-310101-0221 | Медицинская биохимия | 50 | - | 50 | - | - | 6500 |
| 97 | 1-030201 | Физическая культура | 110 | 20 | 60 | 7 | 23 | 4300 |
| 98 | 1-030202 | Физическая культура. Начальная военная подготовка | 80 | 20 | 60 | - | - | 5100 |
| 99 | 1-310501-01 | Химия (научно-производственная деятельность) | 50 | 20 | 30 | - | - | 3700 |
| 100 | 1-020406 | Химия. Биология | 120 | 30 | 45 | 10 | 35 | 4200 |
| 101 | 1-310501-02 | Химия (научно-педагогическая деятельность) | 25 | 5 | 20 | - | - | 3700 |
| 102 | 1-330101-05 | Экология. Химия | 25 | 7 | 18 | - | - | 4100 |
| 103 | 1-020404 | Биология, дополнительная специальность защита растений | 25 | 7 | 18 | - | - | 4100 |
| 104 | 1-020404-07 | Биология. Дендрология | 25 | 7 | 18 | - | - | 4000 |
| | | | 6575 | 1059 | 3876 | 287 | 1353 | |

**Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава является одним из ведущих вузов Республики Таджикистан. На дневном и заочном отделениях данного вуза обучаются больше 20 тысяч студентов. Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава благодаря внедрению кредитной системы добился огромных успехов. За последние пять лет произошли радикальные перемены. В том числе расширились связи университета с учебными заведениями зарубежных стран, значительно улучшилась его материально-техническая база.**

**Для успешного перехода на новую систему университет привлек зарубежных специалистов и одновременно изыскал возможности для стажировки своих преподавателей в другие страны, в результате чего добился повышения качества образования.**





**Миссия Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава – это обеспечение качества подготовки высококвалифицированных кадров по таким направлениям как экономика, политика и государственное управление, инженер-программист, иностранные языки, химия-биология, начиная от бакалавра до доктора PhD. Постепенное вхождение в единое мировое образовательное пространство посредством внедрения современных технологий образования предоставляет огромные возможности молодежи для строительства будущего Таджикистана.**

**УНИВЕРСИТЕТ ОСНОВАН В 1978 ГОДУ И В НАСТОЯЩЕЕ ВРЕМЯ ВКЛЮЧАЕТ СЛЕДУЮЩИЕ ПОДРАЗДЕЛЕНИЯ:**

- 14 факультетов очной формы обучения;
- 45 кафедр по различным специальностям;
- Центр тестирования;
- Центр дистанционного обучения;
- Центр информационно-коммуникационных технологий;
- Подготовительные курсы;
- Технологический парк;
- Электронная библиотека;
- Читальный зал;
- Малое швейное предприятие;
- Спортивные комплексы;
- Конференц-залы;
- Студенческое общежитие.

**Контакты: 735140, г. Бохтар, улица Айнӣ 67; тел: 8(3222)2-54-81, 2-22-53; электронная почта - bgu-1978@mail.ru; сайт- www.btsu.tj; фейсбук- https://www.facebook.com/ https://www.facebook.com/cebook.com/groups/348045799694222**

# ФАКУЛТЕТИ ГУМРУК ВА ТАҲЛИЛИ ИҚТИСОДӢ

***Ҳадафи таъсиси факултети мазкур дар Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ба беҳдошти сифати таълиму тарбияи мутахассисони рақобатпазири соҳаи иқтисодӣ аз дараҷаи бакалавр, тадриҷан воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ тавассути татбиқи пурраи низоми кредитии таҳсилот, корбасти тарзу усулҳои нави таълим, ривоҷи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мустаҳкам намудани иқтидори илмии факултет нигаронида шудааст.***



Бояд қайд кард, ки ба таълиму тадриси донишҷӯёни факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ 5-нафар дотсентон, 6 - нафар номзадҳои илми иқтисодӣ, 3- нафар саромӯзгор, 13-нафар омӯзгорон аз фанҳои тахассусӣ ҷалб гаштаанд, ки пайваста барои тақвияти сифати таҳсилот ҷаҳду талош меварзанд. Натиҷаи низоми дурусти фаъолият имконпазирии потенсиали илмии факултетро ба 40,7%-расонидааст.

Натиҷаи таваҷҷуҳи роҳбарияти донишгоҳ аст, ки фаъолияти факултет тақвият меёбад ва айни ҳол дар факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ се кафедра: фаъолияти гумуркӣ, андоз ва андозбандӣ, таҳлили иқтисодӣ ва аудит фаъолияти самарабахш менамоянд.

Дар факултети гумрук ва таҳлили иқтисодӣ дар зинаи магистратура ва зинаи бакалавр аз рӯи 4 ихтисос: 1-960101 хадамоти гумрукӣ, 1-25010403 андоз ва андозбандӣ, 1-250111 аудит ва ревизия, 1-250105 омор ба таълим фаро гирифта шуда, барои омода намудани мутахассисони аз нигоҳи илмӣ мусаллаҳ бо дониш тадбирҳои муҳим рӯи кор гирифта мешаванд.

Натиҷаи чунин корбарии дуруст имкон фароҳам овард, ки донишҷӯёни факултет бо иштироки фаъолона дар озмуни “Беҳтарин донандаи Кодекси гумрук» ва “Беҳтарин донандаи Кодекси андоз» дар байни донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд, ки шоёни ифтихору сарфарозӣ аст.

**Дар факултет ихтисосҳои зерин амал мекунанд;**

**1-960101** - хадамоти гумрукӣ-ташкили мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, ташкили назорати гумрукӣ, таъмини ҳуқуқӣ, минтақаҳои гумрукӣ, системаи иттилоотии автоматикунонидашудаи ягона, таҳлил ва омори гумрукӣ, ташкили назорат ва барасмиятдарории гумрукӣ, ташкили фаъолияти фаври ҷустуҷӯӣ ва таҳлилӣ, ташкили назорати арзӣ, арзиши гумрукӣ ва имтиёзҳои тарифиро дар бар мегирад, ки барои омода ва тайёр намудани мутахассисонӣ рақобатпазир дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

**1-250111** - аудит ва ревизия - кафолати сифати аудит, аудити соҳаи мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аудити сармоягузорӣ, қарз ва бонкҳои давлатӣ, аудити соҳаҳои иҷтимоӣ, аудити соҳаҳои субъектҳои истеҳсолӣ ва моликияти давлатӣ, аудити дохилӣ ва назорат, хадамоти дохилии назорати суғуртавӣ ва аудити самаранокиро дар бар мегирад.

**1-25010403** - андоз ва андозбандӣ - бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, назорати андозсупорандагони миёна бо шуъбаҳо, низоми андозбандӣ, ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, имтиёзҳои андозӣ, пардохти андозҳо аз даромад ва молу мулк, меъёрҳо ва таҳлили иттилоот дар соҳаи андозро дар бар мегирад.

**1-250105** - омор - омори савдо ва хизматрасонӣ, омори демографи шуғли аҳолӣ ва иҷтимоӣ, системаи ҳисобҳои миллӣ ва омори молия, омори саноат ва инноватсияҳо дар сохтмон, методологияи оморӣ ва таснифот, омори кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, коргузорӣ ва назоратро дар бар мегирад, ки оид ба системаи таҳлил ва коркард дар низоми идоракунии давлат мавқеи махсусро ишғол мекунад.

# ФАКУЛТЕТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ РУС

***Факултети забон ва адабиёти рус соли 2019 ташкил шудааст. Факултет дорои ду кафедра- кафедраи забон ва адабиёти рус ва кафедраи методика ва амалияи таълими забон ва адабиёти рус мебошад.***

робитаҳои байналмилалӣ ташкил медиҳад. Бо дарназардошти имкониятҳои мусоид ва сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло устодону омӯзгорон аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Руссия Узбекистон робитаҳои зич дошта, дарсҳои онлайнӣ, такмили ихтисос гузаронида шуда истодааст



Дар солҳои охир бо кумаки роҳбарияти донишгоҳ, кӯшиши деканат, мудирони кафедраҳо ва азму ғайрати омӯзгорон кори факултет куллан тағйир ёфта, шароити кории омӯзгорон ва дарсомӯзии донишҷӯён рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст.

Дар факултет бо дастгирии раёсати донишгоҳ ва Ҷамъияти ҳамкориҳои Донишгоҳи Русӣ-Тоҷикӣ славянӣ Маркази таълимии “Русское пространство” ва “Сентр откритового оброзования”, ки пайваста донишҷӯён дар он фаъолият менамоянд ташкил карда шудааст ва барои забономӯзии донишҷӯён шароити мусоидро фароҳам сохтааст. Ин марказ бо асбобҳои электронии муосир таҷҳизонида шудааст.

Дар факултети забон ва адабиёти рус 32-нафар омӯзгорон кор ва фаъолият доранд, ки аз онҳо ду нафарашон докторҳои илм, 6- нафарашон номзадҳои илм, 4-нафар доктор phd . 10- нафар унвонҷӯён мебошанд.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро

Айни замон, дар факултет 27-нафар донишҷӯ тибқи квотаи Президентӣ таҳсил мекунанд ки аз онҳо 18- нафарашон духтарон, 9- нафарашон писарон мебошанд. Ҳамаи онҳо идрорпулӣ мегиранд, бо ҷои хоб таъмин буда, инчунин раисони шаҳру ноҳияҳо бо онҳо вохурӣ карда ва аз кумакпулиҳо бархурдоранд.

**Факултет донишҷӯёнро аз рӯи се ихтисос ба таҳсил фаро мегирад:**

1-020302 – Забон ва адабиёти рус;

1-21050504 – Назария ва амалияи тарҷума (забони русӣ);

1-020304-02 – Забон ва адабиёти рус. Забони англисӣ.

Дар факултет дар соли таҳсили 2025-2026 дар маҷмуъ 17 гурӯҳи академӣ 387 нафар донишҷӯёни таҳсили рӯзона дар зинаи бакалавриат ва 2 гурӯҳи академӣ, 25 нафар дар шуъбаи магистратура, ҷамъ 412 нафар дар ду баст ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Соҳаи фаъолияти касбии хатмкунандагони ихтисосҳои факултет дар маҷмуъ фаъолияти омӯзгориро дар бар мегирад.

# ФАКУЛТЕТИ СИЁСАТ ВА ИДОРАИ ДАВЛАТӢ

***Бинои таълимии факултети сиёсат ва идораи давлатӣ, ки бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 23- юми марти соли 2019 ба истифода дода шуд, аз 4 ошёна ва таҳхона иборат буда, дар он 24 синфхона, аз ҷумла 2 синфхонаи технологияи иттилоотӣ, 9 утоқи корӣ мавҷуд ва бо тамоми шароити муосири таълим таъмин мебошанд.***

Факултети сиёсат ва идораи давлатӣ дорои се кафедра -кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ, сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ ва кафедраи фалсафа мебошад.

Дар факултети сиёсат ва идораи давлатӣ дар маҷмуъ 85 нафар омӯзгор, аз он ҷумла 5 нафар профессорон, 13 номзади илм, 3 нафар саромӯзгор ва 64 нафар асистентон ба донишҷӯён дарс медиҳанд.

Дар факултети мазкур гурӯҳҳои таълимашон бо забони русӣ ва англисӣ таъсис дода шуда, фаъолияти назаррас доранд. Дар назди факултет аз ҳисоби кафедраҳои пешбар 3- маҳфили илмӣ –“Дунёи сиёсат”, “Минбари ҳуқуқшинос” ва “Файласуфони ҷавон” фаъолият намуда истодааст, ки роҳбари онҳоро омӯзгорони ботаҷрибаи факултет бар уҳда доранд.

Факултети сиёсат ва идораи давлатӣ мувофиқ ба нақшаҳои таълимӣ имсол донишҷӯёнро аз рӯи 8 ихтисос ба таҳсил ҷалб менамояд.

1-24010213 - Психологияи ҳуқуқшиносӣ

1–230106–0103– Сиёсат ва идораи давлатӣ

1-26010201 - Танзими ҳуқуқии соҳаҳои идораи давлатӣ

1–230101-Муносибатҳои байналмилалӣ

1-930101 - Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ

1-240103 - Ҳуқуқи иқтисодӣ

1–230106-01 - Сиёсатшиносӣ (фаъолияти сиёсию ҳуқуқӣ)

1-210201 - Фалсафа

Муваффақияти дигари назарраси факултетро таъмини кадрҳои баландихтисос, ки аз ҳисоби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷалб карда шудаанд, ташкил медиҳад.

# ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ

***Омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз самтҳои муҳими рушди неруи инсонӣ ва шарти асосии рақобатпазирии ҷавонон дар фазои ҷаҳонӣ мебошад. Факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолияти пурсамар дошта, барои соли таҳсили 2026–2027 довталабонро ба таҳсил қабул менамояд.***

Факултет ба тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи омӯзгорӣ ва тарҷумонӣ равона гардида, муҳити муосири таълимӣ ва имкониятҳои васеи омӯзиши забонҳоро фароҳам овардааст.

Омодасозии мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои зерин ба роҳ монда шудааст:

- Забони хориҷӣ (забони англисӣ)
- Забони англисӣ. Забони хитоӣ
- Забони англисӣ. Забони куриёӣ
- Забони муосири хориҷӣ (англисӣ-арабӣ)
- Назария ва амалияи тарҷума (забони англисӣ)
- Забони англисӣ. Забон ва адабиёти рус

Айни замон дар факултет 779 нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Факултет бо муассисаҳои бонуфузи илмӣ ва таълимии дохил ва хориҷи кишвар ҳамкории устувор дорад. Робитаҳои илмӣ-таълимӣ бо донишгоҳҳои пешрафтаи Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, инчунин бо 37 донишгоҳи хориҷӣ ҳамкорӣ менамояд. Ба ин шумор донишгоҳҳои кишварҳои Белорусия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Россия, Кореяи Ҷанубӣ, Хитой, Олмон ва ғайра дохил мешаванд.

Ҳамкориҳои байналмилалӣ барои мубодилаи таҷриба, татбиқи барномаҳои муштарак, баргузории семинару конференсияҳо ва табодули донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Дар факултет се кафедра фаъолият мекунад. Дар назди онҳо маҳфилҳои илмӣ-таълимии «Дӯстӣ» - Friendship, «Омӯзгорони ҷавон» - Young Teachers, «Лингвист» - Linguist амал менамоянд.

Маҳфилҳо барои рушди малакаи касбӣ ва сатҳи забондонии донишҷӯён нақши муҳим доранд.

Факултет дорои пойгоҳи муосири таълимӣ ва марказҳои тахассусии омӯзиш мебошад, ки раванди таълимро бо усулҳои инноватсионӣ ва интерактивӣ таъмин менамоянд.

Дар назди факултет Маркази захираҳои забони англисӣ фаъолият мекунад, ки бо адабиёти муосир, луғатҳо, дастурҳои таълимӣ, маводи электронии омӯзишӣ ва барномаҳои мултимедиявӣ таъмин аст. Дар марказ дарсҳои иловагӣ, машғулиятҳои тақвиятдиҳӣ, тренингҳои методӣ ва чорабиниҳои забономӯзӣ баргузор мегарданд. Омӯзгорон ва донишҷӯён аз технологияҳои рақамӣ ва захираҳои таълимии электронӣ васеъ истифода мебаранд.

Омӯзиши забони кореягӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст. Дар бинои асосии донишгоҳ маркази махсуси омӯзиши забони кореягӣ фаъолият мекунад. Дар он курсҳои иловагӣ, семинарҳо, вохӯриҳои таълимӣ ва маҳфилҳои гуфтугӯӣ баргузор мешаванд. Марказ барои рушди малакаҳои гуфторӣ, шунавоӣ ва муоширати касбӣ, инчунин омодагӣ ба барномаҳои табодули академӣ мусоидат менамояд.

Синфхонаи лингафонӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ муҷаҳҳаз буда, бо таҷҳизоти аудиоӣ ва нармафзори омӯзишӣ таъмин аст. Дар он малакаҳои талаффуз, шунидан ва дарки нутқи шифоҳӣ тавассути машқҳои интерактивӣ такмил дода мешаванд.

Синфхонаҳои компютерӣ ва мултимедиявӣ бо интернети босуръат ва воситаҳои электронии таълим таъмин буда, барои гузаронидани дарсҳои интерактивӣ, презентатсияҳо, лоиҳаҳои донишҷӯён ва кор бо захираҳои рақамӣ истифода мегарданд. Китобхона ва захираҳои электронии факултет донишҷӯёнро бо адабиёти соҳавӣ, луғатҳо, маҷаллаҳои илмӣ ва пойгоҳҳои иттилоотӣ таъмин менамоянд.

### ИМКОНИЯТҲО БАРОИ ДОВТАЛАБОН ВА ДОНИШҶӮЁН

Факултет имкониятҳои зеринро фароҳам меорад: таълим бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, гурӯҳҳои буҷавӣ ва идрорпулӣ, омӯзиши амиқи хондан ва таҳлили матн, кор бо китобхонаҳои электронӣ ва Интернет, рушди маҳорати таҳрир ва шарҳи матн, аз худ намудани луғат ва истилоҳот, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, омӯзиш бо усулҳои биноӣ ва шунавоӣ, такмили малака тавассути аудио ва филмҳои англисзабон.

Дар факултети забонҳои хориҷӣ тамоми шароити зарурии таълим ва рушди касбӣ фароҳам оварда шудааст. Роҳбарият ва ҳайати омӯзгорон донишҷӯёнро дар ҳамаи самтҳо ҳамаҷониба дастгирӣ менамоянд.

# ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ

***Факултети молиявию иқтисодӣ бо мақсади таъмини сифати таълиму тарбияи мутахассисони рақобатпазири соҳаи иқтисодӣ аз дараҷаи бакалавр то доктори PhD, тадриҷан воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ тавассути татбиқи пурраи низоми кредитии таҳсилот кӯшиши беандоза дорад.***

Дар факултет зиёда аз 50- нафар кормандон фаъолият доранд, ки аз онҳо 3-нафар доктори илм, профессор ва 22-нафар номзади илм, дотсент ба донишҷӯён таълим медиҳанд. Дар факултет зиёда аз 1400-нафар донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона ва фосилавӣ таҳсил менамоянд.

Дар назди кафедраи фаъолияти бонкӣ ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳонӣ кушода шудааст, ки таҳсил дар он пурра бо забони англисӣ ба роҳ монда шудааст. Ба донишҷӯён омӯзгорони пуртаҷриба дарс мегӯянд ва аз рӯйи таҳлилҳо дар давоми 6 моҳ донишҷӯён метавонанд озодона бо забони англисӣ дар доираи фанҳои ихтисоси худ ҳарф зананд.

**Факултет аз рӯи ихтисосҳои зерин мутахассис омода мекунад:**

1-250104 Молия ва қарз

1-26010303 Идоракунии молияи давлатӣ

1-250104 Кори бонкӣ

1-250108 Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит

1-25010801 Баҳисобгирии бухгалтерӣ таҳлил ва аудит дар бонкҳо

1-250107 Иқтисод ва идора дар корхона

1-250103 Иқтисодиёти ҷаҳон (забони англисӣ)

Мо барои муассисаю ташкилоти зерин мутахассисонро омода менамоем: Бонки миллии Тоҷикистон, Бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ, шуъбаҳои робитаи хориҷии ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳову муассисаҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, муассисаҳои зертобеи Вазорати молия.



# ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ

***Факултети менеҷмент соли 2011 дар асоси фармони мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Факултет дорои 11 синфхона, 1 озмоишгоҳи компютерӣ, 2 смарт экран, 2 кафедра, 4 утоқи корӣ мебошад.***

Айни замон дар факултет 626 - нафар донишҷӯён аз рӯи 10 ихтисос фаъолият намуда истодааст; менеҷмент дар соҳаи иҷтимоӣ, менеҷменти молиявӣ, иқтисод ва идораи сайёҳӣ, идораи мақомоти маҳаллӣ, менеҷменти инноватсионӣ, география, ихтисоси иловагии (демография), география- асосҳои иқтисодиёт, география- ҳифзи табиат, география, географияи сайёҳӣ ва менеҷменти сайёҳат ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Таҳсил дар факултет дар як зина бо тариқи низоми кредитӣ ба роҳ монда шудааст. Ба шакли низоми кредитии таҳсилот ҳамаи донишҷӯёни факултет фаро гирифта шуда аст. Аз ин миқдори умумии дар боло зикршудаи донишҷӯён 153 нафар ба тариқи буҷавӣ ва 425 нафар ба тариқи шартномавӣ таҳсил менамоянд.

Шумораи умумии магистрҳо 25 нафарро ташкил медиҳад, ки аз инҳо 18 - нафарашон тариқи буҷавӣ ва 7 – нафарашон тариқӣ шартномавӣ таҳсил мекунанд.

Дар факултет ду кафедра- кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ, кафедраи географияи иқтисодӣ ва методикаи таълими география фаъолият менамояд. Ба кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ ихтисосҳои менеҷмент дар соҳаи иҷтимоӣ, менеҷменти молиявӣ иқтисод ва идораи сайёҳӣ, идораи мақомоти маҳаллӣ, менеҷменти инноватсионӣ вобастаанд.

Ба кафедраи географияи иқтисодӣ ва методикаи таълими география ихтисосҳои география, ихтисоси иловагии (демография), география, асосҳои иқтисодиёт, география, ҳифзи табиат, география вобастаанд:

Кафедраҳои факултет бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи милии илмҳои Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон ва Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Тоҷикистон, Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Мироншоев, Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ, Донишгоҳи давлатии таҳқиқотии шаҳри Перми ФР равобити зичи илмӣ доранд.

# ФАКУЛТЕТИ ФИЗИКА

***Факултети физика барои омода намудани мутахассисон дар соҳаи гуногуни хоҷагии халқи кишвар саҳми бузург дорад. Ин факултет бо ташабуси Раёсати донишгоҳ соли 2025 пурра аз таъмири асосӣ бароварда шуда, бо дастгоҳҳои нави замонавӣ таҷҳизонида шуд.***



Факултети физика ҳамсоли донишгоҳ буда, аз соли 1978 бо номи ҳозирааш арзи вуҷуд дорад. Факултет дар тӯли ин солҳо ҳазорҳо мутахассисонро ба камол расонидааст, ки дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолият мекунанд. Қисми зиёди омӯзгорони фанни физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Хатлон хатмкардаи ҳамин факултет мебошанд. Дар солҳои арзи вуҷуд доштани факултети мазкур донишҷӯён дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона ширкат варзида, сазовори ҷойҳои намоён гардидаанд.

Дар факултет зиёда аз 50 нафар омӯзгорон кор ва фаъолият мекунанд, ки аз инҳо 13 нафарашон номзадони илм ва 3 нафар докторон мебошанд.

Факултет имсол донишҷӯёнро аз рӯи панҷ ихтисос ба таҳсил фаро мегирад: 1-310401-03- физика (фаъолияти илмӣ-педагогӣ), 1-020504-02 - физика. информатика, 1-020504-05 - физика. информатика. астрономия, 1-020504-01- физика математика ва 1-080101-03-таълими касбӣ (энергетика).

Айни ҳол дар факултет 22 синфхона ва 660 нафар донишҷӯён ба таълим фаро гирифта шудааст. Дар факултет ду маҳфил амал мекунад. Маҳфили кафедраи физикаи умумӣ «Эврика» ва маҳфили кафедраи методикаи таълими физика «Физикони ҷавон».

Дар факултет чор озмоишгоҳ фаъолият мекунад: Озмоишгоҳи «Механика» ва «Физикаи молекулавӣ», ки дорои ҳамаи асбобҳои замонавӣ барои гузаронидани корҳои озмоишӣ аз ин қисмҳои физика шароити хеле хуб ташкил карда шудааст. Озмоишгоҳи «Барқ» ва «Оптика» низ бо дасгоҳҳои муосир муҷаҳҳаз карда шудааст. Соли 2021 дар факултет бо дастгирии Раёсати донишгоҳ ва мактаби гармофизикаи ҷумҳурӣ озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ «Физикаи гармо» кушода шуд. Озмоишгоҳи «Методикаи таълими физика», «Астраномия ва электротехника» низ бо дастгоҳҳои замонавӣ ва муосир муҷаҳҳаз карда шуда, барои гузаронидани корҳои озмоишӣ ҳамаи шароитҳо мавҷуд аст.

# ФАКУЛТЕТИ ТЕХНИКӢ ВА ТЕХНОЛОГӢ

***Факултети техникӣ ва технологӣ соли 2009 ташкил шудааст. Факултет дорои се кафедра мебошад: кафедраи Нақлиёти автомобилӣ, кафедраи Методикаи таълими технология ва кафедраи Сохтмон.***

Дар солҳои охир бо кумаки роҳбарияти донишгоҳ, кушиши деканат, мудирони кафедраҳо ва азму ғайрати омӯзгорон кори факултет куллан тағйир ёфта, шароити кории омӯзгорон ва дарсомӯзии донишҷӯён рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст.

Дар факултет бо дастгирии Раёсати донишгоҳ ва Ҷамъияти ҳамкориҳои байналмилалии Олмон «Маркази таълимии технологияи муосир ва касбу ҳунарҳои миллӣ» ташкил карда шуд.

Марказ бо ҳама асбобҳои муосири технологӣ, ба монанди дастгоҳҳои коркарди харротии чӯб, коркарди металл ва пластмасса, асбобҳои коркарди дастӣ ва барқии масолеҳҳо, инчунин мошинаҳои гуногуни дӯзандагии замонавӣ таҷҳизонида шудааст.

Дар марказ духтарон ва писарон метавонанд касбу ҳунарҳои гуногуни миллӣ ва замонавиро ба монанди кандакорӣ, кошинкорӣ, доғсӯс, дизайн, порагарӣ, дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, қуроқдӯзӣ, зардӯзӣ ва ғайраҳо аз худ намоянд.

Факултет донишҷӯёнро аз рӯйи даҳ ихтисос ба таҳсил фаро мегирад:

1-08010106 – Технология (аз рӯи самтҳо);

1-02060102 – Техология (меҳнати техникӣ ва нақшакашӣ);

1-020602 – Технология аз рӯйи самтҳо (саноати полиграфӣ);

1-02060201 – Технология. Информатика;

1-08010109 – Таълими касбӣ (нақлиёти автомобилӣ);

1-440101 – Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ;

1-440302 – Ташкили ҳаракат дар роҳ;

1-700201 – Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ;

1-700202 – Санҷиш ва идораи амволи ғайриманқул;

1-03010602 – Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ.

Соҳаи фаъолияти касбии хатмкунандагони ихтисосҳои факултет: ихтисоси 1-440101 – Ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ (муҳандис-менеҷер) – ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти автомобилию шаҳрӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ, муассисаҳои нақлиёти автомобилӣ, муассисаҳои хизматрасонии логистикӣ ва нақлиётию экспедитсионӣ, идора ва ташкили раванди кор дар муассисаҳои нақлиёти автомобилӣ, системаи нақлиётро дар бар мегирад;

Ихтисоси 1-440302 – Ташкили ҳаракат дар роҳ – бозрасии давлатии автомобилӣ, хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт, экспертизаи автотехникӣ

муоинаи давлатии техникии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, корхонаҳои соҳаи таъмир ва истифодабарии нақлиёти автомобилӣ, корхонаҳои озмоишӣ ва ташхисӣ, мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳои хусусӣ ва идораи қисмҳои ҳарбии муҳандисиро дар бар мегирад;

Ихтисоси 1-700202 – Санҷиш ва идораи амволи ғайриманқул (муҳандис-мутахассиси амволи ғайриманқул) – тадқиқоти муҳандисӣ, лоиҳакашӣ, бинокорӣ, корандозӣ, баҳогузорӣ, экспертизаи лоиҳаю судӣ, таъмиру таҷдиди техникии бино ва роҳандозии талаботи рушди иҷтимоии корхонаҳоро новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ, техникӣ, технологӣ, ташкили истеҳсолотро дар бар мегирад;

Ихтисоси 1-700201 - Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ (муҳандис-сохтмончӣ) – лоиҳакашӣ, ҳисоб, конструксиясозӣ ва сохтмони биноҳои саноатӣ ва шаҳрвандӣ; фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаҳои сохтмони биноҳо, иншоот ва ҳисобӣ онҳо бо истифода аз барномаҳои компютериро дар бар мегирад;

Ихтисоси 1-08010109 – Таълими касбӣ (нақлиёти автомобилӣ) – муассисаҳои таълимии касбӣ-техникӣ, миёнаи махсус, таҳсилоти олӣ, такмили ихтисос, муассисаҳои таълимии ронандатайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи автомобил ва ташкилоти комплекси нақлиёти автомобилии дорои шаклҳои гуногуни хоҷагидориро дар бар мегирад;

Ихтисосҳои 1-080101-06 – Технология (аз рӯи самтҳо), 1-020601-01 – Технология. Информатика, 1-020601-02 – Технология (меҳнати техникӣ, нақшакашӣ), 1-030106-02 – Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ ва 1-02 06 02-07 – Технология (меҳнати техникӣ) - Физика – кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии гуногуншакл омода карда мешавад.

Фаъолияти касбии хатмкунандагон – омӯзгори фанни технология, технология ва информатика, технология ва нақшакашӣ, технология, санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ ва фанни технология ва физика мебошад.

Айни ҳол дар факултет 31 нафар омӯзгорони пуртаҷриба ба донишҷӯён дарс мегӯянд, ки аз онҳо 12 нафарашон номзадони илм ва дотсентон мебошанд.

**Факултет дар шабакаҳои иҷтимоӣ**

*Facebook* *Instagram* *Youtube*

# ФАКУЛТЕТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ВА ҲИФЗИ ИТТИЛООТ

***Таъсиси факултети мазкур дар Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" бо мақсади беҳтар кардани сифати таълим ва тарбияи мутахассисони рақобатпазир дар соҳаи информатика сурат гирифтааст.***

Барномаи факултет барои тадриҷан ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, амалӣ кардани системаи кредитии таҳсил ва истифодаи усулҳои муосири таълим равона шудааст. Илова бар ин, ривоҷу равнақи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва тақвияти иқтидори илмии факултет аз самтҳои асосии фаъолият мебошад. Бо ин роҳ, факултет имконият фароҳам меоварад, ки донишҷӯён дар муҳити инноватсионӣ ва бонуфузи байналмилалӣ омода шаванд.

Махсус бояд зикр кард, ки барои таълим ва тадрис дар факултети технологияҳои рақамӣ ва ҳифзи иттилоот 7 нафар дотсент, 9 нафар номзадҳои илм, 6 нафар саромӯзгор ва 26 нафар омӯзгорон аз фанҳои тахассусӣ ҷалб шудаанд. Ин мутахассисон доимо барои беҳтар намудани сифати таҳсил кӯшиш мекунанд. Натиҷаи фаъолияти самаранок ки онҳо равандҳои илмии факултетро то 41,3% тавсия додааст.

Факултети технологияҳои рақамӣ ва ҳифзи иттилоот дар зинаи магистратура пояи 2 ихтисос, яъне 1-08 01 01 01 - 01 Информатика ва 1-40010102 Системаҳои автоматикунонидашуда, ва дар зинаи бакалавр бо 9 ихтисос, ба монанди 1-08 01 01 01-01 Информатика, 1-02 05 05 – Информатика. Математика, 1-020505 Информатика. Физика, 1-400102-04 Низом ва технологияи иттилоотӣ (дар коркард ва пешниҳоди иттилоот), 1-40010102 Системаҳои автоматикунонидашуда, 1-45010302 Шабакаҳои алоқа ва тақсимоти иттилоот, 1-310401-0225 Информатикаи физикавӣ, 1-250112 Информатикаи иқтисодӣ, ва 1-25011026 Иқтисодиёти рақамӣ фаъолият мекунад. Ин ихтисосҳо барои омода намудани мутахассисони баландихтисос, бо дониши солим ба манзури таъмин намудани рушди илмӣ, усулҳои муҳимро дар назар доранд.

# ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ



***Факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо қарори Шурои олимони донишгоҳ ва фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2001 таъсис ёфтааст.***

Фаъолияти ҳамаҷонибаи садорати факултет барои амалӣ намудани корҳои таълимӣ, илмӣ – таҳқиқотӣ, методӣ ва тарбиявӣ равона карда шудааст. Ҳоло дар факултет 3 нафар доктори илмҳои таърих, профессор, 10 нафар номзадҳои илм, дотсентон, 8 нафар аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 нафар аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 нафар узви Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон ба донишҷӯён дарс мегӯянд.

**Дар факултет ихтисосҳои зерин амал менамоянд.**

1. Таърихи фарҳангшиносӣ.
2. Таърих, ихтисоси иловагӣ (ҳуқуқ).
3. Таърихи бостоншиносӣ,
4. Таърих (умумӣ ва ватанӣ)
5. Таърих (аз руйи самтҳо)
6. Таърихи диншинос

Дар факултет мутахасисони касбӣ дар соҳаи таърихшиносӣ, бостоншиносӣ, фарҳангшиносӣ омода мегарданд. Донишҷӯён баъди хатми зинаи бакалаврӣ метавонанд дар зинаҳои таҳсилоти магистратура ва доктор PhD низ таҳсили худро дар факултет идома диҳанд.

Дар соли ҷорӣ 35 нафар донишҷӯёни факултет тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил доранд ва 1 нафар гирандаи идрорпулии президентӣ мебошад. Инчунин барои фаъолияти пурсамар 1 нафар донишҷуи факултет гирандаи идрорпулии раиси вилоят мебошад.

Дар назди кафедраҳои факултет маҳфилҳои илмии донишҷӯён "Ориён","Муаррих-кишваршинос", "Пажуҳандагони Аҷам","Муаррих-фарҳангшинос" фаъолият менамояд, ки шогирдон дар онҳо фаъолона ширкат меварзанд

Дар назди факултет осорхонаи таърихӣ - кишваршиносӣ фаъолият менамояд. Фаъолияти солонаи хуби осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии назди факултет дар соли 2025 қобил ба ёдоварист. Аз ҷониби кормандони факултет ва донишҷӯён ҳамасола фонди захиравии осорхона ғанӣ мегардад.

# ФАКУЛТЕТИ ПЕДАГОГИКА ВА ВАРЗИШ

***Факултети педагогика ва варзиш мувофиқ ба нақшаҳои таълимии соли равон донишҷӯёнро аз рӯйи 7 ихтисос ба таҳсил фаро мегирад:***

1. 1-010201-Таҳсилоти ибтидоӣ;
2. 1-010202-03-Таҳсилоти ибтидоӣ.Санъати мусиқӣ;
3. 1-010203-Таҳсилоти ибтидоӣ.Забон ва адабиёти тоҷик;
4. 1-010102-Таҳсилоти томактабӣ.Педагогика ва психология;
5. 1-030302-Сурдопедагогика;
6. 1-030201-Тарбияи ҷисмонӣ;
7. 1-030202-Тарбияи ҷисмонӣ. Омодагии дифои ҳарбӣ;

Дар факултет ба донишҷӯён омӯзгорони варзида ва дорои дараҷаю унвонҳои баланди илмӣ дарс медиҳанд.

Бинои нави таълимии факултет дар кӯчаи Дӯстии халқҳо 42/Б-и шаҳри Бохтар бо ташрифи муҳтарам Қоҳир Расулзода – Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 16-уми июни соли 2017 ба истифода дода шуд. Бинои таълимии мазкур аз 4 ошёна ва таҳхона, аз он ҷумла 24 адад синфхона, шомили 2 адад синфхонаи технологияи иттилоотӣ ва 9 адад ҳуҷраи кории муҷаҳҳаз бо тамоми шароити муосири таълимӣ иборат мебошад.

Дар факултет теъдоди 92 нафар, аз он ҷумла 2 нафар профессор, 3 нафар дотсент, 31 нафар номзади илм, 6 нафар саромӯзгор ва 50 нафар омӯзгор ба донишҷӯён дарс медиҳанд

Маҳфилҳоро омӯзгорони собиқадори варзида роҳбарӣ мекунанд. Донишҷӯён ба кори ин маҳфилҳо ба таври васеъ ҷалб карда мешаванд. Дар кори маҳфилҳои варзишӣ бошад, дар канори донишҷӯёни факултети педагогика ва варзиш, донишҷӯёни факултетҳои дигари донишгоҳ, инчунин донишҷӯёни муассисаҳои таълимии гуногун ва сокинони шаҳри Бохтар низ ширкат меварзанд.

Таҳсил дар факултет ба ду забон: тоҷикӣ ва русӣ ба роҳ монда шудааст. Дар назди кафедраҳои факултет маҳфилҳои зерин: «Адаб», «Математикони ҷавон», «Мутрибони ҷавон», «Махзани илм», «Нури маърифат», «Равоншинос», «Тарзи ҳаёти солим», «Бозии футбол», «Волейбол», «Баскетбол», «Намудҳои гӯштин», «Тениси рӯйи миз», «Шашкаю шоҳмот», фаъолият мекунанд. Ин

Маҷмааи варзишӣ ва толорҳои варзишии донишгоҳ бо тамоми воситаҳои лозима барои доир кардани дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ, обутоби бадан ва чорабиниҳои гуногуни варзишӣ таҷҳизонида шудааст. Имрӯзҳо факултети педагогика ва варзиши Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба макони хуби омода намудани омӯзгорони варзидаи ҷавобгӯ ба дархосту тақозои замони муосир мубаддал гаштааст. Марҳабо, ба ин боргоҳи илму маърифат!

# ЭЪЛОН

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:**

1. **Дотсенти кафедраи системаҳои автоматикунонидашудаи коркарди ахбор ва шабакаҳои алоқа - 1 ҷой**
2. **Дотсенти кафедраи забон ва адабиёти рус – 1 ҷой**

**Хоҳишмандон метавонанд ҳуҷҷатҳои худро тӯли як моҳ, баъд аз интишори эълон, ба шуъбаи илм ва инноватсияи донишгоҳ пешниҳод намоянд.**

Фуруғ

Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст! Носири Хусрав

Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

МУАССИС: ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**ҚУРБОНЗОДА МАҲМАДАЛӢ РАҲМАТ,**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**ҲАМДАМЗОДА ХУРСАНД,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълим

**ҲУКМИДДИН САФАРБЕКЗОДА,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм

**НАРГИС НУРАЛИЗОДА,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбия

**РУСТАМ ТАҒОЙМУРОДОВ,**
доктори илмҳои филологӣ, профессор

**ГАДОЗОДА АБДУКИБОР,**
доктори илмҳои таърих, профессор

**БОЛТАЕВ МАЛИК,**
номзади илмҳои кимиё, дотсент

**АҲМАДОВ САФАРМАД,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**МУҲАРРИР: НАИМЗОДА ҚУДРАТУЛЛО**

Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва дурустии арқому далелҳо бар дӯши муаллифон аст. Матолиби муаллифони беруна дар ҳаҷми то 3 саҳифа бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 пазируфта мешавад.

*Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №399/РЗ-97 аз 27 ноябри соли 2023 аз нав ба қайд гирифта шуда, аз 1 сентябри соли 2000 нашр мешавад.*

Рӯзнома ҳар ҳафта як маротиба ба забони тоҷикӣ нашр мешавад.

**НИШОНӢ:**
ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 67
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:**
furugh2000@mail.ru

Ҳафтанома дар матбааи ҶДММ «Аниса-95» чоп шудааст.

**Адади нашр: 11326 нусха**

***Ба чопаш 6. 02. 2026 иҷозат дода шуд.***